Бо қарори Саҳмдори ягона
Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи
«Спитамен Бонк» №12/22
аз «07» декабри соли 2022
дар таҳрири нав тасдиқ карда шудааст

Бо қарори Саҳмдори ягона
Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи
«Спитамен Бонк» №01/24
аз «08» феврали соли 2024
тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд

Бо қарори Саҳмдори ягона
Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи
«Спитамен Бонк» №08
аз «25» сентябри соли 2023
тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд

Бо қарори Саҳмдори ягона
Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи
«Спитамен Бонк» №02/24
аз «17» майи соли 2024
тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд

# ОИННОМАИ
# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ
# «СПИТАМЕН БОНК»

Душанбе – 2024

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Оинномаи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Спитамен Бонк» (минбаъд дар матн - Оиннома) тартиби фаъолияти Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Спитамен Бонк» (минбаъд дар матн - Бонк)-ро муқаррар менамояд.

Бонк ташкилоти тиҷоратӣ буда, дар шакли ҷамъияти саҳомии пӯшида, дар асоси розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №342 аз 30.12 с.2013) ва Қарори Маҷлиси умумии ғайранавбатии саҳмдорони Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди "Спитамен Капитал" (ҶСП ТАҚХ "Спитамен Капитал") (Протоколи №09 аз 30.12 с.2013) бо роҳи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқии мавҷуда (табдилёбӣ), таъсис дода шудааст.

Бонк вориси ҳуқуқии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди "Спитамен Капитал" мебошад.

1.2. Муассис ва саҳмдори ягонаи Бонк, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд Ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунонии "Спитамен Иншуренс" (ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс") (минбаъд дар матн - Саҳмдори ягона) мебошад.

1.3. Номи пурраи фирмавии Бонк:
- бо забони тоҷикӣ - Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Спитамен Бонк»;
- бо забони русӣ - Закрытое акционерное общество «Спитамен Банк»;
- бо забони англисӣ - Closed joint stock company «Spitamen Bank».

1.4. Номи мухтасари фирмавии Бонк:
- бо забони тоҷикӣ - ҶСП «Спитамен Бонк»;
- бо забони русӣ - ЗАО «Спитамен Банк»;
- бо забони англисӣ - CJSC «Spitamen Bank»

1.5. Бонк ҳуқуқи истисноии истифодаи номи фирмавии худро дорад.

1.6. Бонк дорои муҳри мудаввар мебошад, ки дар он номи фирмавии Бонк бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии қароргоҳи асосии он сабт гардидааст, ҳамчунин Бонк тамғаҳо, блонкҳои махсус, нишони хусусӣ ва воситаҳои дигари аёнии ба он монанд дорад.

1.7. Бонк ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ, бемаҳдудсозии муҳлат таъсисёфта ба ҳисоб рафта, дорои молу мулки алоҳидаи дар тавозуни мустақили худаш инъикосёфта мебошад.

1.8. Бонк метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад, дорои уҳдадорӣ бошад, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

1.9. Молу мулки Бонк моликияти Бонк маҳсуб гашта, Бонк аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми моликияти ба вай тааллуқдошта, аз ҷумла бо воситаҳои пулияш, ҷавобгар мебошад.

1.10. Саҳмдори ягона аз рӯи уҳдадориҳои Бонк ҷавобгарӣ надошта, танҳо хавфи дар доираи арзиши саҳмияҳои худ дидани зарарро аз фаъолияти Бонк дорад. Бонк аз рӯи уҳдадориҳои Саҳмдори ягона ҷавобгарӣ надорад.

1.11. Бонк аз рӯи уҳдадориҳои давлат ва Бонки миллии Тоҷикистон ва давлат ва Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи уҳдадориҳои Бонк ҷавобгар намебошанд, ба истисноი ҳолатҳое, ки агар онҳо чунин уҳдадориро қабул карда бошанд.

1.12. Бонк ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб буда, дар фаъолияташ талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкурро дастури амал қарор медиҳад.

1.13. Нишонӣ (маҳалли ҷойгиршавии) Бонк: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров 45.

## 2. АМАЛИЁТҲО ВА МУОМИЛОТИ БОНКӢ

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Бонк гирифтани фоида ҳангоми анҷом додани амалиётҳои бонкӣ ва аҳдҳои дигар мебошад. Амалиётҳои бонкӣ ва аҳдҳои дигар дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон, бо тартиби дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда, анҷом дода мешаванд.

2.2. Бонк тибқи иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалиётҳои бонкии зеринро анҷом медиҳад:

-ҷалби амонат ва пасандозҳо;

-додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

б) факторинг;

в) форфейтинг;

-кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

-хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

а) воситаҳои бозории пулӣ, аз ҷумла, чекҳо, векселҳо, уҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ;

б) асъори хориҷӣ;

в) саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

г) қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

- додани кафолат, баҳисобгирии уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;
- хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла: кортҳои пардохтии бонкӣ, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра);
- миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
- амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);
- хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);
- амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;
- қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо.

2.3. Бонк ба ғайр аз амалиётҳои бонкии дар банди 2.2.-и Оиннома номбаршуда, метавонад аҳдҳои зеринро анҷом диҳад:

- додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;
- иҷораи молиявӣ (лизинг);
- амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;
- хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

2.4. Бонк метавонад тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳдҳои дигар ва фаъолияти касбиро дар бозори коғазҳои қиматнок анҷом диҳад.

2.5. Тамоми амалиётҳои бонкӣ ва аҳдҳои дар бандҳои 2.2. ва 2.3-и боби мазкур номбаршударо Бонк бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ анҷом дода метавонад.

2.6. Машғул шудани Бонк ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ аст.

## 3. САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

3.1. Сармояи оинномавии Бонк 130 181 900 (яксаду сӣ миллиону яксаду ҳаштоду як ҳазору нуҳсад) сомониро ташкил дода, он ба 1 301 819 (як миллиону сесаду як ҳазору ҳаштсаду нуздаҳ) адад саҳмияҳои одии номие, ки арзиши номиналии ҳар яке онҳо ба 100 (сад) сомонӣ баробар аст, тақсим карда шудааст.

3.2. Сармояи оинномавии Бонк ба миқдори 1 301 819 (як миллиону сесаду як ҳазору ҳаштсаду нуздаҳ) адад саҳмияҳои одии паҳнкардашудаи Бонк, ки мутаносиб ба 100 (сад) фоизи сармояи оинномавӣ мебошад, ба Саҳмдори ягона тааллуқ доранд.

3.3. Тартибу шартҳои ҷойгирнамоии саҳмияҳои иловагии дар ҳудуди шумораи саҳмияҳои эълоншуда бо қарори Саҳмдори ягона муайян карда мешавад.

3.4. Сармояи оинномавии Бонк мумкин аст бо роҳи баланд бардоштани арзиши номиналии саҳмияҳо ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ, зиёд карда шавад. Бонк сармояи оинномавиашро танҳо пас аз пардохти пурраи он метавонад зиёд намояд.

3.5. Қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи баланд бардоштани арзиши номиналии саҳмияҳои паҳнкардашуда ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ аз ҷониби Саҳмдори ягона қабул карда мешавад.

3.6. Саҳмдори ягона ҳангоми қабули қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк ҳамзамон, бояд оид ба миқдори саҳмияҳои эълоншудаи Бонк, ба Оиннома ворид намудани ин муқаррарот ва дар доираи он паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ, қарор қабул намояд.

3.7. Зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи баланд бардоштани арзиши номиналии саҳмияҳои паҳнкардашуда танҳо аз ҳисоби молу мулки Бонк ва бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ аз ҳисоби молу мулки Бонк анҷом дода мешавад.

3.8. Саҳмдори ягона тартиби паҳннамоии саҳмияҳои иловагии аз ҳисоби молу мулки Бонк баровардашударо муайян менамояд.

3.9. Бо қарори Саҳмдори ягона Бонк метавонад, сармояи оинномавиашро бо роҳи ташаккул додани қисми ғайрипулии он (ба тавозун гирифтани арзиши бино - қароргоҳи Бонк) ва ба саҳмияҳои одии номӣ табдил додани маблағи қарзҳои субординарии аз ҷониби Саҳмдори ягона ба Бонк пешниҳодшуда, бо тартиби муқарраршуда зиёд намояд.

3.10. Бонк ҳуқуқ дорад ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вазифадор аст, ки андозаи сармояи оинномавии худро бо роҳи паст кардани арзиши номиналии саҳмияҳои пахнкардашуда ё бо роҳи кам кардани миқдори умумии онҳо, тавассути харидории як қисми саҳмияҳои паҳнкардашуда кам намояд.

Бонк метавонад сармояи онномавиашро то ҳадди ақалли сармояи оинномавие, ки барои бонкҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, кам намояд.

3.11. Қарор дар бораи кам кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи паст кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи кам кардани миқдори умумии онҳо, тавассути харидории як қисми саҳмияҳои паҳнкардашуда, аз ҷониби Саҳмдори ягона қабул карда мешавад.

Бонк бояд дар мухлати на дертар аз 30 (сӣ) рузи тақвимӣ аз санаи қабули қарор оид ба кам кардани сармояи оинномавӣ ва то оғози воқеан кам кардани он, бо тартиби муқарраршуда дар ин хусус ба таври хаттӣ ба кредиторони худ хабар диҳад.

3.12. Бонк дар доираи муқаррароти Оиннома ва бо қарори Саҳмдори ягона бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ба кормандонаш имконияти харидории як миқдори саҳмияҳои Бонкро бо шартҳои имтиёзнок (опсион) диҳад.

## 4. САҲМИЯҲОИ БОНК, ҶОЙГИРКУНӢ ВА БЕГОНАСОЗИИ ОНҲО

4.1. Ҳамаи саҳмияҳои Бонк саҳмияҳои одии номӣ буда, онҳо бо арзиши номиналии як саҳмияи одии номӣ баробар ба 100 (сад) сомонӣ, дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ бароварда мешаванд.

4.2. Саҳмияҳои одии номӣ ба Саҳмдори ягона ҳуқуқи гирифтани суди (дивиденди) онҳо ва гирифтани як қисми моликияти Бонкро, ки баъд аз барҳам хӯрдани он боқӣ мондааст, медиҳад.

4.3. Саҳмдори ягона ҳуқуқи афзалиятноки харидории саҳмияҳои Бонкро дорад.

4.4. Дар ҳолати қатъи фаъолияти Саҳмдори ягона, ҳуқуқу вазифаҳои ба вай вобастабуда ба вориси ҳуқуқии Саҳмдори ягона, вале дар холати набудани чунин ворис ба Бонк хохад гузашт, агар қонун тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## 5. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ СУДИ (ДИВИДЕНДИ) САҲМИЯҲО

5.1. Саҳмдори ягона дар асоси тавсияи Шӯрои нозирон оид ба пардохти суди (дивиденди) саҳмияҳо, ҳаҷм, вакт ва шакли пардохти онҳо, қарор қабул менамояд. Бонк соле на камтар як маротиба оид ба пардохти суди (дивиденди) саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳои паҳнкардашуда қарор қабул менамояд. Суди саҳмияҳо аз фоидаи софи Бонк бо пули миллӣ пардохта мешавад.

5.2. Бонк метавонад барои пардохти суди (дивиденди) саҳмияҳо на камтар аз 15 (понздаҳ) фоизи фоидаи софи солонаеро, ки дар ихтиёри Бонк боқӣ мемонад, дар ҳолати риоя гаштани талаботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба кифоятии сармоя равона намояд.

5.3. Саҳмдори ягона метавонад оид ба напардохтани суди (дивиденди) саҳмияҳо ё пардохти нопурраи онҳо қарор қабул намояд агар:

1) ин ҳолат ба вайрон шудани меъёрҳои мақбуле, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, сабаб гардад;

2) ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк аз андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавие, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои бонкҳо муқаррар кардааст, камтар бошад;
3) меъёри кифоятии сармояи Бонк ба нишондиҳандаи барои ин меъёр муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, баробар ё наздик бошад;
4) ин ҳолат ба норасоии маблағҳое, ки барои фароҳам овардани захираи ҷуброни талафотҳои имконпазир заруранд, оварда расонад;
5) фоидаи соли ҳисоботӣ барои пӯшонидани зарари солҳои пешин басанда набошад;
6) Бонк бо сабаби бад шудани ҳолати молиявиаш ҳамчун бонки «мушкилотдошта» таҳти назорати махсуси Бонки миллии Тоҷикистон қарор дошта бошад.

## 6. ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОН

6.1. Бонк метавонад бақайдгирӣ ва нигоҳдории феҳристи саҳмдоронро дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути бастани шартнома бо мақоми берунаи ваколатдори бақайдгирӣ ва нигоҳдории феҳристи саҳмдорон, таъмин намояд.

6.2. Дар феҳристи саҳмдорон маълумот дар бораи ҳар шахси ба қайд гирифташуда, миқдор ва намуди (навъи) саҳмияҳо, ки ба номи ҳар шахси ба қайд гирифташуда сабт шудааст, инчунин дигар маълумоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда мешавад.

6.3. Дорандаи феҳристи саҳмдорон бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо вазифадор аст ҳуқуқи ӯро ба саҳмияҳо бо додани нусхаи сабт аз феҳристи саҳмдорон, ки коғази қиматнок намебошад, тасдиқ намояд.

6.4. Бақайдгирии саҳмдор бо қайди дахлдор дар феҳрист ба амал бароварда мешавад.

## 7. ТАҚСИМОТИ ФОИДА ВА ФОНДҲОИ БОНК

7.1. Бонк барои тақсимоти фоидаи бадастовардааш ихтиёрдории пурраи хоҷагидориро соҳиб аст.

7.2. Фоидаи Бонк тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисобгирии муҳосибавӣ муайян карда шуда, аз он тибқи тартиби муқарраршуда андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешаванд.

Фоидаи софи Бонк баъд аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар асоси қарори Саҳмдори ягона барои пардохти суди (дивиденди) саҳмияҳо, ташкили фонди захиравӣ ва фондҳои дигар равона карда мешавад.

7.3. Фонди захиравӣ барои таъмини ухдадориҳои Бонк ва пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи амалиётҳои бонкӣ дар ҳаҷми то 15 (понздаҳ) фоизи маблағи сармояи оинномавии Бонк тавассути ҷудо кардани на камтар аз 5 (панҷ) фоиз аз маблағи фоидаи софи солонаи Бонк ташкил дода мешавад.

7.4. Дар Бонк боз фондҳои дигари зерин дар асоси қарори Саҳмдори ягона метавонанд таъсис дода шаванд:

- фонди таъмини фаъолиятиояндаи Бонк - барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои нав, механиконӣ ва автоматикунонии амалиёти бонкӣ, корҳо оид ба сохтмон ва таъмири биноҳои Бонк, таҷҳизот ва объектҳои таъиноти иҷтимоӣ, хароҷот оид ба тайёр кардани мутахассисон ва дигар мақсадҳои умумибонкӣ;

- фонди ҳавасмандгардонии моддӣ - барои мукофотонидани кормандон вобаста ба натиҷаи фаъолияташон дар тӯли моҳ, барои собиқаи корӣ дар низоми бонкӣ, мукофотонидани кормандон, иҷрои корҳои хеле муҳиме, ки ба афзудани даромади Бонк мусоидат намудааст, расонидани кумаки моддӣ ба кормандони Бонк, пардохти кумакпулиҳо ба оилаҳои онҳо ва дигар пардохтҳои хусусияти инфиродӣ дошта;
- фонди суғуртавӣ - барои ҷуброни зарари имконпазири муштариён, ки ба он Бонк сабаб гаштааст;
- фондҳо ва захираҳои дигари зарурӣ.

7.5. Бо мақсади таъмини сатҳи зарурии эътимоднокии фаъолияти Бонк, мутобиқи хусусият ва миқёси амалиётҳои гузаронидашаванда, Бонк метавонад мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, аз ҳисоби фоидаи соф захираҳои сармоявӣ ташкил намояд. Захираҳои сармоявии Бонк бо мақсадҳои дигар истифода шуда наметавонанд.

## 8. ТАЪМИНИ МАНФИАТҲОИ МУШТАРИЁН, НИГОҲДОРӢ ВА ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ

8.1. Бонк нигоҳдории беосеби маблағҳои пулӣ ва дороиҳои дигареро, ки шахсони ҳуқуқию воқеӣ - муштариён Бонк ба ихтиёри вай супоридаанд, бо тамоми молу мулки манқул ва ғайриманқули Бонк, фонду захираҳои пулие, ки мутобиқи қонунгузории бонкӣ ва Оинномаи мазкур ташкил шудаанд, таъмин менамояд.

8.2. Маблағҳои пулӣ ва дороиҳои дигари шахсони ҳуқуқию воқеӣ, ки дар суратҳисобҳо, амонат ё нигоҳдории Бонк қарор доранд, танҳо дар ҳолатҳо ва ба тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст ҳабс ё мусодира шаванд.

8.3. Бонк ба махфӣ нигоҳ дошта шудани сирри бонкӣ, аз ҷумла сирри амалиётӣ, суратҳисобҳо ва амонату пасандозҳои муштариён худ кафолат медиҳад. Ҳамаи шахсони мансабдор ва кормандони Бонк, аудиторон, Саҳмдори ягона ва намояндагони он вазифадоранд, ки сирри бонкӣ, аз ҷумла сирри амалиётӣ, суратҳисобҳо ва амонату пасандозҳои мизоҷони Бонкро махфӣ нигоҳ доранд.

8.4. Феҳристи маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, аз тарафи Раёсати Бонк бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян карда мешавад.

8.5. Маълумот оид ба суратҳисобҳо ва амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ аз тарафи Бонк мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдорӣ ва ифшо карда мешавад.

8.6. Маълумоти дар раванди фаъолияти Бонк ҷамъовардашуда, бадастовардашуда ва андӯхташуда, ҳамчунин иттилооти дигаре, ки дар Бонк дар васоити коғазӣ, магнитӣ ва навъҳои дигари ҳомили маълумот нигоҳ дошта мешаванд ва аз ҷониби Раёсати Бонк ба сирри бонкӣ ва тиҷоратӣ мутааллиқ дониста шудаанд, бе розигии Раёсати Бонк ё шахсони мансабдори дигари ваколатдорнамудаи Раёсат, набояд фурӯхта, интиқол, нусхабардорӣ, тақсим, мубодила ва ба ҳар гуна шакли дигар паҳн ва ё теъдодашон зиёд карда шавад.

Тартиби кор бо маълумот ва иттилооти дар Бонк мавҷудбуда, ки ба сирри бонкӣ ва тиҷоратӣ мансуб дониста шудаанд ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиби кор

бо онҳо, аз тарафи Раёсати Бонк бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

## 9. ҲИСОБДОРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲИИ БОНК

9.1. Ҳисобдорӣ, ҳисоботдиҳии молиявию оморӣ ва ҳамчунин таҳияи маълумоту иттилооти дигар дар Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

9.2. Натиҷаҳои фаъолияти Бонк дар тавозунҳои ҳармоҳа, семоҳа ва солонаи ҳисобдорӣ, дар ҳисоботи фоидаву зарар, ҳамчунин дар ҳисоботи солонае, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи он пешниҳод карда мешаванд, инъикос мегардад.

9.3. Тавозуни солонаи ҳисобдорӣ ва ҳисоботи фоидаву зарари Бонк баъд аз гузаронидани аудити беруна аз тарафи Саҳмдори ягона тасдиқ ва дар матбуот чоп карда мешаванд.

9.4. Соли амалиётии (молиявии) Бонк аз санаи 1-уми моҳи январи сол оғоз гардида 31-уми моҳи декабри ҳамон сол анҷом меёбад.

9.5. Бонк беосеб нигоҳ доштан, ба тартиби зарурӣ овардан, нигаҳдорӣ ва истифодаи дарозмуддати ҳуҷҷатҳо оид ба ҳайати кормандонро таъмин менамояд. Санадҳо оид ба ҳайати кормандони Бонк бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нигоҳдории давлатӣ супорида мешаванд.

## 10. ИДОРАКУНИИ БОНК

10.1. Идоракунии Бонк аз ҷониби мақомоти зерин амалӣ мегардад:
- Мақоми олӣ - Саҳмдори ягона;
- Мақоми идора - Шӯрои нозирон, ки аз ҷониби Саҳмдори ягона таъсис дода мешавад;
- Мақоми иҷроия - Раёсати Бонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон таъсис дода мешавад.

10.2. Мақоми олии идоракунии Бонк - Саҳмдори ягона буда, тамоми салоҳияти тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти саҳомӣ" ба Маҷлиси умумии саҳмдорон мансуб донисташударо дорад. Аз ҷумла Саҳмдори ягона оид ба масъалаҳои зерин:
1) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Бонк ва тасдиқ намудани он дар таҳрири нав;
2) азнавташкилдиҳии ихтиёрии Бонк;
3) барҳам додани Бонк, таъсиси комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;
4) таъсиси мақоми идораи Бонк - Шӯрои нозирон, аз ҷумла муайян намудани шумораи аъзои Шӯрои нозирон, интихоби аъзои он, пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо, муайян намудани андозаи подошпулии аъзои Шӯрои нозирон, тасдиқи низомномаи Шӯрои нозирон;
5) муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди саҳмияҳои эълоншуда, вомбаргҳо ва ҳамчунин ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо дода мешавад;
6) зиёд ва кам намудани сармояи оинномавӣ;

7) тасдиқи интихоби ташкилоти аудиторӣ барои гузаронидани аудити берунаи Бонк ва ҳаҷми арзиши хизматрасонии он;
8) тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавӣ, ҳисобот оид ба фоида ва зарар, тақсими фоида, аз ҷумла оид ба пардохти суди (дивиденди) саҳмияҳо ва зарари Бонк аз рӯи натиҷаҳои ҷамъбасти соли молиявӣ;
9) қабули қарор дар бораи маъқул донистани аҳдҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ;
10) аз ҷониби Бонк харидани саҳмияҳои паҳнкардашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ;
11) оид ба иштироки Бонк дар таъсису фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ тавассути ба онҳо додани дороиҳои Бонк дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршуда;
12) тасдиқи санадҳои меъёрии дохилии Бонк, ки ба салоҳияти Саҳмдори ягона мансубанд;
13) дигар масъалаҳо, ки тибқи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур ба салоҳияти Саҳмдори ягона мансуб мебошанд, қарор қабул менамояд.

10.3. Ваколати қабули қарор оид ба масъалаҳое, ки мувофиқи қонунгузорӣ ва Оинномa ба салоҳияти истисноии Саҳмдори ягона мансуб дониста шудаанд, ба дӯши мақомоти иҷроияи Бонк вогузор кардан манъ аст.

10.4. Саҳмдори ягона ҳуқуқ дорад:

- суди (дивиденди) саҳмияҳои одии номии ба вай тааллуқдоштаро гирад;
- дар ҳолати барҳам хӯрдани Бонк як қисми молу мулки боқимондаи Бонкро гирад;
- ба тартиби имтиёзӣ (дар навбати аввал) саҳмияҳои одии номии Бонкро харидорӣ намояд;
- саҳмияҳои одии номи ё қисме аз онҳоро бо риоя намудани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони ҳуқуқӣ ё воқеии дигар диҳад;
- оид ба тамоми самтҳои фаъолияти Бонк, аз ҷумла оид ба фаъолияти мақомот ва сохторҳои Бонк аз мақомоти идора ва иҷроияи Бонк маълумот ва иттилооти зарурӣ гирад;
- гузаронидани санчиши аудитории ғайринавбатии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Бонкро талаб намояд.

10.5. Саҳмдори ягона уҳдадор аст:

- арзиши саҳмияҳои одии номии тибқи Оиннома ба вай тааллуқдоштаро, сари вакт пардохт намояд;
- муқаррароти санадҳои таъсисии Бонк, аз чумла Оиннома ва ҳаргуна санадҳои дигарро, ки фаъолияти Бонкро ба танзим медароранд, риоя намояд;
- маълумот ва ё иттилооти хусусияти сирри бонкӣ ва ё тиҷоратӣ доштаи Бонкро фош накунад;
- уҳдадориҳои дигареро, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ва Оиннома нисбат ба Бонк ва фаъолияти он ба зимма дорад, иҷро намояд;
- барои ноил гаштан ба мақсадҳои оинномавии Бонк мусоидат намояд.

10.6. Саҳмдори ягона аз рӯи уҳдадориҳои Бонк дар ҳудуди саҳмияҳои худ масъулияти молиявӣ бар дӯш дорад, вале барои ҳаргуна зиёни молиявӣ ва уҳдадориҳои Бонк шахсан ҷавобгар нест.

## 11. МАҚОМИ ИДОРА - ШӮРОИ НОЗИРОН

11.1. Мақоми идораи Бонк - Шӯрои нозирон буда, он роҳбарии умумии фаъолияти Бонкро, ба истиснои масъалаҳое, ки тибқи Оиномаи мазкур ба салоҳияти Саҳмдори ягонаи мансуб дониста шудаанд, анҷом медиҳад.

11.2. Шӯрои нозирон барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Бонк ва назорати татбиқи он масъул буда, идоракунии онро назорат мекунад. Шӯрои нозирон дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Бонк ва дурнамои он, тасдиқ кардани Стратегияи дарозмуҳлати корпоративии Бонк;
- муқаррар намудани стандартҳои идоракунии хавфҳо ва ҳадди ақалли меъёрҳои мақбули дохилӣ;
- ошкор намудани хавфҳои асосие, ки Бонк дучори онҳо мегардад ва муқаррар кардани ҳадди ҷоизи ин хавфҳо;
- назорати тадбирҳое, ки Раёсати Бонк барои ошкор, андозагирӣ, мониторинг ва назорати хавфҳо меандешад;
- нигаҳдории низоми мувофиқу босамари назорати дохилӣ, инчунин мониторинги самарабахшии низоми назорати дохилии аз тарафи Раёсати Бонк амалишаванда;
- муқаррар намудани сиёсати дохилӣ ва сармоягузорӣ, низоми назорати дохилӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ;
- таъсиси мақоми иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои он;
- ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани Раиси Раёсат;
- маъқул донистани ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани аъзои Раёсат ва кормандони роҳбарикунандаи Бонк бо пешниҳоди Раиси Раёсат;
- таъсис ва барҳам додани кумитаҳо дар назди Шӯрои нозирон, аз он ҷумла таъсиси Кумитаи аудит, Кумита оид ба кадрҳо ва мукофотҳо (дигар кумитаҳо бо дарназардошти зарурати корӣ), интихоби аъзо ва раисони ин кумитаҳо, тасдиқи низомнома, сохтор, нақшаҳои корӣ ва ҳисоботҳои онҳо;
- тасдиқи сохтори ташкилии бонк;
- тасдиқи сохтори ташкилии Хадамоти аудити дохилӣ, Хадамоти мувофиқа (комплаенс), Идораи хавфҳои бонкӣ, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани роҳбарони воҳидҳои сохтории мазкур ва додани розигӣ барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани кормандони ин воҳидҳои сохторӣ, тасдиқи буҷет ва нақшаҳои кории онҳо;
- тасдиқи буҷети солона, бизнес-нақшаҳои Бонк ва назорати иҷрои онҳо;
- муайян кардани шартҳо ва андозаи музди меҳнати Раиси Раёсат, муовинони ӯ, аъзои Раёсат, сардорони Хадамоти аудити дохилӣ, Хадамоти мувофиқа (комплаенс) ва Идораи хавфҳои бонкӣ инчунин кормандоне, ки бевосита ба Шӯрои нозирони ҳисоботдиҳанда мебошанд;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низоми ҳавасмандгардонии кормандони бонк;
- тасдиқ намудани тартиб ва тағйиру иловаҳо ба низоми ҳавасмандгардонии воҳидҳои сохтории аз ҷониби Раёсати бонк пешниҳодшуда;
- таъсис ва барҳамдиҳии филиал ва намояндагиҳои Бонк, тасдиқ намудани низомномаҳои онҳо;
- додани розигӣ барои ба сафари хизматӣ равона намудани Раиси Раёсат, сардорони Хадамоти аудити дохилӣ, Хадамоти мувофиқа (комплаенс) ва Идораи хавфҳои бонкӣ;
- додани розигӣ барои ба рухсати равона намудани Раиси Раёсат, сардорони Хадамоти аудити дохилӣ, Хадамоти мувофиқа (комплаенс) ва Идораи хавфҳои бонкӣ;
- додани розигӣ (ҷонибдорӣ) ба пешниҳоди Раиси Раёсат барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани муовинони Раиси Раёсат (аъзои дигари Раёсат) ва Сармуҳосиби Бонк;
- баррасии натиҷаҳои санҷишҳои аудиторӣ ва дигар санҷишҳои дохилию берунӣ;
- тасдиқи низоми ҳавасмандгардонии аъзои Раёсат ва воҳидҳои сохтории зертобеи Шӯрои нозирон;
- даъвати Маҷлиси солона ва ғайринавбатии умумӣ бо Саҳмдори ягона ва муайян намудани рӯзномаи онҳо;
- маъқул донистани аҳдҳои калон (аз ҷумла қарз, кредит, гарав, кафолат) - харид ё бегона кардани молу мулке, ки арзиши онҳо аз арзиши тавозунӣ кам мебошанд;
- маъқул донистани хароҷотҳои ғайрибуҷавӣ (ҳамчунин ба сафари хизматӣ равона намудани кормандони Хадамоти аудити дохилӣ, Хадамоти комплаенс ва Идораи хавфҳои бонкӣ);
- маъқул донистани тайғиротҳо дар тарофаҳои амалкунандаи бонк (қарз, амалиётӣ, хазинавӣ, кортҳо ва дигар самтҳои бонк);
- маъқул донистани тартиб ба тавозуни Бонк гирифтани молу мулки таҳти гарав қарордошта ва минбаъд ба фурӯш баровардани он;
- маъқул донистани санади меъёри ҳуқуқии дохилибонкӣ оид ба ҳисоб намудани ФПТИ барои қарзҳои батаъхирафтода ва воситаҳои молиявӣ тибқи талаботи СБҲМ (IFRS) 9;
- тасдиқ намудани натиҷаҳои тендер барои маблағҳои зиёда за 200,000 (дусад ҳазор) сомонӣ;
- додани розигӣ ба дархости Раёсати Бонк барои:
  - бастани аҳди хариду фурӯши амволи манқул ва ё ғайриманқул ба маблағи аз 200,000 (дусад ҳазор) сомонӣ зиёд;
  - додани қарз (кафолат) ба маблағи зиёда аз 3,000,000 (се миллион) сомонӣ ё 300,000 (сесад ҳазор) доллари ИМА ё аз меъёри мазкур зиёд намудани ҳудуди қарзгирии қарздорони амалкунанда;
  - оид ба иштироки (манъи иштироки) Бонк дар сармояи дигар шахси ҳуқуқӣ ба андозаи зиёда аз 5 (панҷ) фоизи сармояи танзимшавандаи Бонк;

- оид ба иштироки (манъи иштироки) Бонк дар сармояи дигар шахси ҳуқуқӣ ба андозаи зиёда аз 10 (даҳ) фоизи сармояи ин шахси ҳуқуқӣ;

- баррасии пешакии ҳисоботи солона, ҳисоботи солонаи муҳосибавӣ, аз он ҷумла ҳисобот оид ба даромад ва зарари (ҳисобҳои даромад ва зарари) Бонк ва тақсими даромаду зарари Бонк аз рӯи натиҷаи соли молиявӣ;
- тасдиқ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба руйхати бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои дар бонк вуҷуддошта;
- пешниҳоди тавсия ба Саҳмдори ягона оид ба андозаи маблағи суди (дивиденди) саҳмияҳо ва тартиби пардохти онҳо;
- муайян кардани тартиби пешбур ва нигоҳдории феҳристи саҳмдорони Бонк;
- ваколатҳои ба зиммаи Шӯрои нозирон тибқи санади меъёрии ҳуқуқии Бонки милии Тоҷикистон (Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ) вогузоркардашуда, аз он ҷумла тасдиқи сиёсати умумии идоракунии хавфҳои Бонкӣ дар ҳайати
  - сиёсати;
  - ҳисобдорӣ;
  - қарзӣ;
  - сармоягузорӣ;
  - идоракунии хавфи пардохтпазирӣ, бозорӣ, амалиётӣ, технологияҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, комплаенс (мувофиқа);
  - идоракунии сармоя, даромаднокӣ, мунтазами фаъолияти Бонк;
  - назорати дохилӣ, аудити дохилӣ, кодекси ахлоқи аудити дохилӣ;
  - оид ба ҷалб намудани аудити беруна;
  - танзими бархурди манфиатҳо;
  - мониторинги амалиёти Бонк бо шахсони вобаста;
  - идоракунии амалиёти хариду фурӯши воситаҳои молиявӣ ва хавфи нарх;
  - назорати дуҷониба;
- аз Раёсати Бонк дархост намудан ва баррасию таҳлил кардани:

  а) ҳисоботҳои моҳонаи зерин:
  - тавозуни ҷамъбастӣ ва ҳисобот дар бораи фоида ва зарари Бонк дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта ва нишондиҳандаҳои нақшавии фаъолият;
  - иҷроиши бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои дар бонк вуҷуддошта;
  - ҳисобот дар бораи сармоягузориҳо;
  - оид ба гуруҳбандии намудҳои воситаҳои молиявӣ, бо нишон додани арзиши тавозунӣ, арзиши бозорӣ, даромаднокӣ ва маблағи умумии хариду фурӯши онҳо;
  - ҳисобот дар бораи динамикаи қарзҳои таснифшуда, ҳаҷми захираҳои барои онҳо ташкилшуда;
  - ҳисобот дар бораи қарзҳои наве, ки ба шахсони вобаста дода шудаанд;

  б) ҳисоботҳои семоҳаи зерин:

  - таҳлили мухтасари мавқеъи Бонк аз рӯи хавфи фоизӣ;
  - таҳлили мухтасари хавфи тағйирёбии қурби мубодилавии асъор дар Бонк;
  - таҳлили мухтасари талаботи ҷорӣ ва ояндаи Бонк ба сармояи танзимшаванда;

  в) ҳисоботҳои солонаи зерин:

- оид ба бархурди эҳтимолии манфиатҳо дар уҳдадориҳои вазифавиии кормандони роҳбарикунандаи Бонк (шартҳои додани қарз ба аъзои Шӯрои нозирон, кормандони роҳбарикунанда ва дигар шахсони вобаста, хизматрасонии дигар қарзгирони Бонк аз ҷумла бо мақсади санҷиши далели додани шартҳои имтиёзӣ);
- оид ба ҳолати иҷрои мақсаду вазифаҳои дар соли ҷории молиявӣ ба нақша гирифтаи Раёсати Бонк;
- тасдиқ, вориди тағйиру иловаҳо ба шакл ва муҳлати аз тарафи Раёсат ба Шӯрои нозирон, кумитаҳои он ва Саҳмдори ягона пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ ва идоравӣ;
- барраси намудан ва қабули қарор аз рӯи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи расонидани кӯмаки хайриявӣ ва сарпарастӣ;
- баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои алоқаманд бо хориҷ намудани фоизҳо ва ҷаримаҳои (пеня) ҳисобкардашуда ё қатъ намудани ҳисоби фоизҳо ва ҷаримаҳо (пеня) барои қарзҳои батаъхирафтода, ё гузаронидани қарзҳои беэътимод ба ҳисоби ғайринизомӣ;
- дигар ваколатҳое, ки тибқи қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур дар Низомномаи Шӯрои нозирони Бонк ба зиммаи Шӯрои нозирон вогузор карда мешавад.

Ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба салоҳияти Шӯрои нозиронро ба зиммаи Раёсати Бонк гузоштан мумкин нест.

11.3. Шӯрои нозирон на камтар аз як маротиба дар се моҳ ҳисоботи Раёсати Бонкро оид ба фаъолияти Бонк, самтҳои нави инкишоф, иҷрои қарорҳои Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон, инчунин оид ба дигар масъалаҳои фаъолияти ҷорӣ дастрас ва баррасӣ менамояд

11.4. Ҳайати Шӯрои нозирон на кам аз 5 (панҷ) нафар узв иборат мебошад. Шӯрои нозирон аз байни аъзои худ Раиси Шӯрои нозиронро интихоб менамоянд. Раиси Шӯрои нозирон наметавонад Раиси Раёсат шавад.

11.5. Ҳуқуқҳои Шӯрои нозирон:

11.5.1. Тибқи банди 11.2-и Оинномаи мазкур:

а. баррасии санадҳои санҷишӣ:
- санади Бонки миллии Тоҷикистон;
- санадҳои мақомотҳои салоҳиятдор;
- санади аудити беруна;
- санадҳои Хадамоти аудити дохилӣ;

б. баррасии пешниҳоди воҳидҳои сохтории зертобеъи Шӯрои нозирон:
- кумитаи аудит;
- Кумита оид ба кадрҳо ва мукофотҳо;
- Хадамоти аудити дохилӣ;
- Идораи хавфҳои бонкӣ;
- Хадамоти комплаенс.

11.5.2. Қабули қарорҳои дахлдор оиди муҷозотҳои зерин нисбат ба Раёсати бонк:
- огоҳии шифоҳӣ;
- огоҳии хаттӣ;
- танбеҳ;

- танбеҳи қатъӣ;
- сабукдуш намудан аз вазифаи ишғолнамуда.

11.5.3. Қабули пешниҳоди дахлдор оиди муҷозотҳои зерин нисбат ба кормандони Бонк ва ирсоли он барои баррасӣ дар доираи кумитаи дахлдор ба Раёсати бонк:

- огоҳии шифоҳӣ;
- огоҳии хаттӣ;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ;
- сабукдуш намудан аз вазифаи ишғолнамуда.

11.6. Уҳдадориҳои Шӯрои нозирон:

- ҳар сол на камтар аз як маротиба пешниҳод намудани ҳисобот дар маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён) оид ба фаъолияти худ;
- ҳар сол на камтар аз як маротиба даъвати маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён), муайян намудани вақт, ҷой, рӯзнома ва баромадкунандагони он.
- назорати фаъолияти ҷории бонк ва манфиати Бонкро дар мадди аввал гузоштан.

11.7. Аъзои Шӯрои нозирон пас аз мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Саҳмдори ягона ба муҳлати чор сол интихоб мешаванд ва метавонанд дар давраҳои минбаъдаи муҳлаташон баробар аз нав интихоб шаванд.

Аъзои Шӯрои нозирон метавонанд аз ҳисоби намояндагони Саҳмдори ягона ва аз ҳисоби мутахассисон - коршиносони даъватшудае, ки дорои таҳсилоти олӣ буда, шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошанд, интихоб гарданд.

На камтар аз чор як ҳиссаи аъзои Шӯрои нозирон бояд дар низоми бонкӣ (ватанӣ ва ё хориҷӣ) таҷрибаи кории зиёда аз се сол дошта бошанд.

11.8. Аъзои Шӯрои нозирон наметавонанд:

- кормандони ягон ташкилоти қарзии молиявии дигар бошанд;
- аъзои Шӯрои нозирон ё дорандаи ҳиссаи иштироки афзалиятнок дар дигар ташкилоти қарзии молиявӣ бошанд;
- корманд, аз ҷумла корманди роҳбарикунандаи ташкилоги қарзӣ, ҷамъияти вобаста ва фаръии он бошанд, ба истиснои корманди ҷамъияти алоқаманди ташкилоти қарзӣ;
- хизматчии давлатӣ бошанд, ба истиснои узви Шӯрои нозирони ташкилоти қарзие, ки давлат дар он саҳмдор аст;
- синнашон аз сӣ кам бошад.

11.9. Шӯрои нозирон ба ҳисоботи солона, ба ҳисоботҳои молиявӣ, ба хулосаҳои кумитаи аудит ва ба маълумотҳои дигар, пеш аз он, ки онҳо барои баррасӣ ба Саҳмдори ягона пешниҳод гарданд, шинос мешавад.

Шӯрои нозирони Бонк ҳуқуқ дорад аз рӯи ҳар гуна масъалаи ба фаъолияти Раёсат вобастабуда, ҳисобот талаб кунад.

11.10. Ба фаъолияти Шӯрои нозирон Раиси Шӯрои нозирон, ки бо аксарияти шумораи умумии аъзо интихоб мегардад, роҳбарӣ менамояд. Шӯрои нозирон ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт Раиси Шӯрои нозиронро бо аксарияти овози шумораи умумии аъзои Шӯрои нозирон аз вазифа сабукдӯш ва ё аз нав ба вазифа интихоб намояд.

11.11. Раиси Шӯрои нозирон дорои ваколатҳои зерин мебошад:
- ташкили кори Шӯрои нозирон;
- даъват ва гузаронидани маҷлисҳои Шӯрои нозирон ва раисӣ кардан дар онҳо;
- муайян намудани вақт, ҷой ва шакли гузаронидани маҷлисҳои Шӯрои нозирон, рӯзномаи он ва баромадкунандаҳо;
- таъмин намудани аъзои Шӯрои нозирон бо маълумот оид ба масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси Шӯрои нозирон, аз ҷумла бо лоиҳаи қарор оид ба ҳар як масъалаи баррасишаванда;
- назорати раванди иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирон ва Саҳмдори ягона;
- баррасии мурасилоти ба номи Шӯрои нозирон воридшаванда ва имзои мурасилоти аз номи Шӯрои нозирон содиршаванда;
- имзои ҳуҷҷат ва санадҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

11.12. Раиси Шӯрои нозирон ҳуқуқ надорад берун аз доираи ваколатҳои тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкур муайяншуда ба фаъолияти ҷории Бонк, Раёсати Бонк ва воҳидҳои сохтории он дахолат намояд.

11.13. Шӯрои нозирон фаъолияти худро бо роҳи гузаронидани маҷлисҳо ва қабули қарорҳо анҷом медиҳад. Бо қарори Раиси Шӯрои нозирон маҷлисҳои Шӯрои нозирон мумкин аст дар шакли иштироки якҷоя (аз ҷумла, бо истифода аз воситаҳои алоқаи электронӣ) ва ё ғоибона гузаронида шаванд. Маҷлисҳои навбатии Шӯрои нозирон на камтар аз як маротиба дар як моҳ гузаронида мешаванд.

11.14. Шӯрои нозирон барои қабул кардани қарор аз рӯи масъалаҳои баррасишаванда, дар ҳолате ҳуқуқ пайдо мекунад, ки агар дар маҷлиси Шӯрои нозирон на камтар аз нисфи аъзои он иштирок дошта бошанд.

11.15. Маҷлиси ғайринавбатии Шӯрои нозирон аз тарафи Раиси Шӯрои нозирон бо ташаббуси худи ӯ, бо дархости узви Шӯрои нозирон, Раиси Раёсат, Кумитаи аудит ва ё сардори Хадамоти аудити дохилӣ, даъват карда мешавад.

11.16. Қарор дар маҷлиси Шӯрои нозирон бо аксари овозҳои аъзои иштироккунандаи он қабул карда мешавад. Ҳар як узви Шӯрои нозирон як овозро соҳиб аст. Аз як узви Шӯрои нозирон ба дигар узв интиқол кардани овоз манъ аст. Ҳангоми баробарии овозҳо дар қабули қарори Шӯрои нозирон, овози Раиси Шӯрои нозирон ҳалкунанда мебошад.

11.17. Дар маҷлисҳои Шӯрои нозирон протокол бурда мешавад. Протоколҳои маҷлиси Шӯрои нозиронро котиби Шӯрои нозирон омода намуда, онҳо аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирон ва котиби Шӯрои нозирон ё шахсоне, ки онҳоро дар маҷлис иваз мекунанд, имзо карда мешавад. Протокол дар муҳлати то 5 рӯз аз санаи баргузории маҷлис омода ва имзо карда мешавад.

11.18. Дар протокол:
- ҷой, вақт ва шакли гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирон;
- ҳайати шахсии аъзои Шӯрои нозирон, ки дар маҷлис иштирок менамоянд;
- рӯзномаи маҷлис;
- мавзӯъҳои асосии баромади иштирокдорони маҷлис;
- масъалаҳои ба овоз гузошташуда ва натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯи лоиҳаи қарорҳои онҳо;

- қарорҳои қабулшуда дарҷ мегарданд.

11.19. Шӯрои нозирон котиби Шӯрои нозиронро интихоб (таъин) менамояд. Уҳдадориҳои вазифавии котиби Шӯро ва андозаи подоши меҳнати вай, аз ҷониби Шӯрои нозирон муайян карда мешавад.

**11.20. Мақсад, вазифаҳо, салоҳият, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзо, тартиби баҳодиҳии фаъолияти Шӯрои нозирон иловатан бо Низомномаи Шӯрои нозирон муқаррар карда мешавад.**

## 12. МАҚОМИ ИҶРОИЯ - РАЁСАТИ БОНК

12.1. Мақоми иҷроияи Бонк дар шакли мақоми дастаҷамъӣ - Раёсат аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк дар ҳайати Раиси Раёсат ва аъзои Раёсат (муовинони Раиси Раёсат аз рӯи вазифа ва аъзои дигари он) таъсис дода мешавад.

12.2. Раёсат дар доираи салоҳият ва ваколатҳои тибқи Оинномаи мазкур муқарраргашта роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории Бонкро амалӣ менамояд.

12.3. Раёсат барои иҷрои қарорҳои Саҳмдори ягона, Шӯрои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррӯзаи Бонк дар доираи салоҳият ва ваколатҳои тибқи қонун ва Оинномаи мазкур муқарраргашта, масъулият дорад.

12.4. Раёсат дар назди Шӯрои нозирон ва Саҳмдори ягона ҳисоботдиҳанда мебошад. Раиси Раёсат аз ҷониби Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

12.5. Муовинони Раиси Раёсат ва дигар аъзои онро Шӯрои нозирон интихоб менамояд. Аъзои Раёсат метавонад бо пешниҳоди Раиси Раёсат аз ҳисоби сардорони воҳидҳои сохтории Бонк интихоб гардад. Шумораи аъзои Раёсат аз ҷониби Шӯрои нозирон муайян карда шуда, набояд аз се нафар кам бошад.

12.6. Аъзои Раёсат наметавонанд дар як вақт узви Шӯрои нозирон бошанд. Аъзои Раёсат ҳуқуқ надоранд, ки ҳамчун корманд ё узви мақомоти идоракунӣ дар дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ, иштирокдорони касбии бозори коғазҳои қиматнок ва ё дигар вазифаҳое, ки метавонад ба қабули қарорҳои Раёсат таъсир расонад, кору фаъолият намоянд, ба истиснои узви Шӯрои нозирони ҷамъиятҳои фаръию вобастаи Бонк.

12.7. Шӯрои нозирон ҳуқуқ дорад ҳар вақт оид ба қатъ кардани ваколати аъзои Раёсат қарор қабул намояд.

12.8. Номзад ба аъзои Раёсат бояд бо талаботҳои тахассусии дар қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда мувофиқат карда, баъд аз розигии Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

12.9. Уҳдадориҳои вазифавӣ ва ҳуқуқу масъулияти аъзои Раёсат оид ба идоракунии фаъолияти ҷории Бонк дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинннома, Низомномаи Раёсат ва шартномаи басташудаи ҳар яки онҳо бо худи Бонк муайян карда мешавад.

Шартномаи меҳнатии Раиси Раёсат аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирон ё шахси бо қарори Шӯрои нозирон ваколатдоршуда ба имзо расонида мешавад.

12.10. Андозаи музди меҳнати аъзои Раёсат, инчунин дигар пардохтҳо барои ҳавасмандкунии онҳо аз ҷониби Шӯрои нозирон муайян карда мешавад.

12.11. Дар ҳолати кам гардидани шумораи аъзои Раёсат нисбат ба шумораи муқарраршудаи ҳайати он, Шӯрои нозирон барои таъмини кворум дар

гузаронидани маҷлисҳои Раёсат ва қабули қарорҳои он, бояд аъзои нави Раёсатро интихоб намояд.

12.12. Раёсат дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- таъмини риояи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохилии Бонк;
- татбиқи самтҳои асосии фаъолияти Бонк, ки бо стратегияи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди Бонк муқаррар карда шудааст;
- ташкили иҷрои қарорҳои Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон;
- таъмини риояи меъёрҳои идоракунии корпоративии Бонк, талаботи сиёсати идоракунии хавфҳои Бонк, ташкили низоми назорати дохилии Бонк, мониторинги мутобиқат ва самаранокии онҳо;
- таъмини сатҳи зарурии низоми идоракунӣ дар Бонк, ки масъулият, ваколат ва муносибатҳои байниҳамдигарии сохторҳои дохилӣ, шахсони мансабдор ва кормандони дигари Бонкро муқаррар менамояд;
- таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии дохилие, ки таҳия ва тасдиқи онҳо ба салоҳияти Шӯрои нозирон дохил намешавад ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо;
- таҳия ва ҷорӣ намудани маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои нави бонкӣ;
- танзими андозаи меъёри фоизҳо ва ҳаққи хизматрасонӣ аз рӯи амалиётҳои активӣ ва пассивӣ дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Шӯрои нозирон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;
- муқаррар намудан ё тағйир додани андозаи ҳудуди ӯҳдадориҳои қарзии муштариён ва шарикони Бонк дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Шӯрои нозирон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;
- таҳияи буҷети солонаи Бонк, ворид намудани тағйирот дар сохтор ва пешниҳоди онҳо ба Шӯрои нозирон ва бо мувофиқа бо Шӯрои нозирон тасдиқ намудани ҷадвали мансабҳои (вазифаҳои) Бонк;
- коркард ва тасдиқи низоми ҳавасмандгардонии кормандон, ба истиснои аъзои Раёсат ва воҳидҳои сохтории зертобеи Шӯрои нозирон;
- ба Шӯрои нозирон оид ба таъсис ва барҳамдиҳии филиалҳо ва кушодану бастани намояндагиҳои Бонк, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низомномаи филиалҳо, инчунин иваз намудани мавқеи ҷойгиршавии онҳо пешниҳод намояд;
- таъсис ва бастани марказҳои хизматрасонии бонкӣ, инчунин иваз намудани мавқеи ҷойгиршавии онҳо;
- тасдиқи низомномаҳои воҳидҳои сохтории Бонк, ба истиснои филиалҳои он, тасдиқи роҳбарони онҳо, аз ҷумла роҳбарони филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ;
- баррасии ҳисоботҳои роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонк, аз ҷумла филиалҳо, ҳисоботҳои молиявии Бонк ва натиҷаи иҷрои буҷети Бонк, ҳисоботи воҳиди сохторӣ оид ба идоракунии хавфҳо, натиҷаи санҷишҳои гузаронидаи сохторҳои дахлдори Бонк оид ба назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ ва санҷишҳои аудити беруна, инчунин қабули қарор оид ба бартарафкунии камбудиҳою норасогиҳои ошкоршуда;

- дар мувофиқа бо Шӯрои нозирон тасдиқ намудани аҳдҳо оид ба иштироки (ё манъи иштироки) Бонк дар сармояи дигар шахси ҳуқуқӣ;
- дар мувофиқа бо Шӯрои нозирон тасдиқ намудани аҳдҳои калон оид ба харид, фурӯш, ба иҷора гирифтан ё додани молу мулки манқул ё ғайриманқул, додан ва гирифтани қарзҳо, кафолатҳо ва гаравҳо;
- дар мувофиқа бо Шӯрои нозирон ба ҳисоби берун аз низом гузаронидани қарзҳои беэътимод;
- интихоби аъзои Шӯрои нозирони ҷамъиятҳои фаръию вобастаи Бонк, қатъ ё тамдиди мухлати ваколатҳои онҳо;
- ташкили кумитаҳо, комиссияҳо ва дигар гурӯҳҳои корӣ дар назди Раёсат ё қатъи фаъолияти онҳо;
- қабули қарор оид ба гузаронидани амалиётҳо ва дигар аҳдҳое, ки тартиб ва гузаронидани онҳо дар санадҳои меъёрии дохилии Бонк дарҷ нагардидааст;
- мавриди баррасии пешакӣ қарор додани масъалаҳое, ки ба маълумот ва баррасии Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон пешниҳод мегарданд, аз ҷумла ҳисоботи солонаи Бонк ва ҳисоботи иҷрои қарорҳои онҳо;
- баррасӣ ва қабули қарор нисбат ба ҳамаи масъалаҳои роҳбарии фаъолияти ҷории Бонк, ба истисноi масъалаҳои тахти салоҳияти Саҳмдори ягона, Шӯрои нозирон ё Раиси Раёсат қарордошта.

12.13. Раиси Раёсат фаъолияти Раёсатро ташкил карда, ба он роҳбарӣ менамояд. Раиси Раёсат иҷрои қарорҳои Саҳмдори ягона, Шӯрои нозирон ва Раёсатро таъмин карда, барои кори Раёсат ҷавобгар мебошад.

12.14. Раиси Раёсат манфиатҳои Бонкро дар муносибат бо мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлатҳои дигар ва дар муносибат бо дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ намояндагӣ менамояд;

12.15. Раиси Раёсат барои фаъолияти ҷории Бонк масъулияти шахсӣ дошта, барои боэътимодии маълумоти дар ҳисоботҳои Бонк инъикосшуда ҷавобгарӣ дорад.

12.16. Раиси Раёсат дорои ваколатҳои зерин мебошад:
- бе ваколатнома аз номи Бонк бастани аҳд ва шартномаҳо;
- амалӣ намудани чораҳо бораи ба ҷавобгарӣ (гражданӣ, моддӣ ва ҷиноятӣ) кашидани шахсони ба Бонк зарарrасонида;
- ҳал намудани масъалаҳои ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо дар Бонк;
- гузоштани имзои якум дар ҳуҷҷатҳои молиявӣ;
- ба кор қабул ва аз кор озод намудани кормандони Бонк ва нисбат ба онҳо татбиқ намудани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомӣ;
- баровардани фармонҳо ва амру супоришҳое, ки иҷрои онҳо аз ҷониби ҳамаи кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад;
- додани ваколатномаҳо;
- бо ҷонибдории (розигии) Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва за вазифа озод намудани муовинони Раиси Раёсат ва сармуҳосиби Бонк;
- тақсим намудани уҳдадориҳои вазифавӣ дар байни муовинонаш ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ;
- тасдиқ намудани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ;
- раисӣ кардан дар маҷлисҳои Раёсат ва имзо кардани протоколу қарорҳои Раёсат;

- муайян намудани шартҳо ва андозаи музди меҳнати кормандони Бонк, ба истисноии музди меҳнати муовинони Раис, аъзои Раёсат, сардорони хадамоти аудити дохилӣ, хадамоти комплаенс ва идораи хавфҳои бонкии Бонк.

12.17. Раиси Раёсат ҳуқуқ дорад, баъзе аз ваколатҳои худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба зиммаи муовинони Раиси Раёсат вогузор намояд. Дар давраи дар кор муваққатан ҳузур надоштани Раиси Раёсат, ухдадориҳои вазифавии вайро яке аз муовинонаш иҷро менамояд.

12.18. Раёсат дар асоси нақшаи корӣ тавассути гузаронидани маҷлисҳо ва қабули қарору супоришҳо фаъолият менамояд. Дар мавриди зарурӣ маҷлиси Раёсат берун аз нақша бо ташаббуси Раиси Раёсат, аъзои дигари Раёсат ё дар асоси дархости Саҳмдори ягона ё Шӯрои нозирон метавонад даъват карда шавад.

12.19. Гузаронидани маҷлисҳои Раёсатро котиби Раёсат дар мувофиқа бо Раиси Раёсат ё ҳангоми набудани ӯ бо муовине, ки ухдадориҳои вазифавии Раиси Раёсатро иҷро менамояд, ташкил менамояд.

12.20. Ба масъалае, ки ба баррасии маҷлиси Раёсат бароварда мешавад, ҳуҷҷатҳои зерин бояд замима гарданд: лоиҳаи қарор, тавзеҳнома, маводҳои иттилоотӣ (маълумотнома, ҷадвалҳо, суратҳисобҳо ва ғ.) ва дигар маълумотҳое, ки барои баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳо зарур мебошанд.

12.21. Маҷлисҳои Раёсат барои баррасии масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси Раёсат ва қабули қарорҳое, ки ба овоздиҳӣ пешниҳод шудаанд, метавонанд дар шакли иштироки муштараки аъзои Раёсат ё дар шакли овоздиҳии ғоибона бо роҳи пурсиш баргузор карда шаванд.

12.22. Маҷлиси Раёсат ҳангоми иштироки беш аз нисфи ҳайати умумии аъзои Раёсат ваколатдор (комилҳуқуқ) мегардад. Қарори Раёсат қабулшуда маҳсуб меёбад, агар ба тарафдории қабули он аз нисф зиёди аъзои Раёсат овоз диҳанд. Ҳар як аъзои Раёсат соҳиби як овоз буда, вогузор намудани он ба шахси дигар манъ мебошад. Дар ҳолати баробар будани овозҳо, овози Раиси Раёсат ҳалкунанда мебошад.

12.23. Қабули қарорҳо аз рӯи масъалаҳои дар маҷлисҳои Раёсат ё тариқи пурсиш баррасишуда бо қарори Раёсат ба расмият дароварда мешаванд.

12.24. Барои ҳар як маҷлиси Раёсат протокол аз ҷониби котиби Раёсат тартиб дода шуда, дар он аъзои Раёсат имзоҳои худро мегузоранд. Дар протокол рақами тартибии протокол аз аввали сол, санаи маҷлис, ному насаби раисикунанда, аъзои Раёсат, ному насаб ва вазифаи шахсоне, ки ба маҷлис даъват шудаанд, рӯзномаи маҷлис, масъалаҳое, ки ба овоздиҳӣ гузошта шудаанд ва натиҷаҳои овоздиҳӣ аз рӯи онҳо, инчунин қарорҳои қабулшуда нишон дода мешавад. Протокол дар муҳлати на дертар аз 3 рӯз баъд аз гузаронидани маҷлис тартиб дода мешавад.

12.25. Иҷрои қарорҳои Раёсат барои ҳамаи кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад.

12.26. **Мақсад, вазифаҳо, салоҳият, ҳуқуқу ухдадориҳои аъзо, тартиби баҳодиҳии фаъолияти Раёсат иловатан бо Низомномаи Раёсат муқаррар карда мешавад.**

## 13. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ АЪЗОИ ШӮРОИ НОЗИРОН ВА АЪЗОИ РАЁСАТИ БОНК

13.1. Аъзои Шӯрои нозирон ҳуқуқ доранд:

- тибқи талаботи қонунгузорӣ бо ҳуҷҷатҳои Бонк, ки барои иҷрои ваколатҳои ба зиммаи Шӯрои нозирон вогузоршуда заруранд, шинос шаванд;

- ҳама масъалаҳо ва ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои нозирон баровардашударо озодона баррасӣ карда, нисбат ба онҳо мавқеи худро иброз намоянд;
- даъвати маҷлиси ғайринавбатии Шӯрои нозиронро талаб карда, рӯзнома ва лоиҳаи қарорҳо оид ба масъалаҳои рӯзномаи онро пешниҳод намоянд.

13.2. Аъзои Шӯрои нозирон уҳдадоранд:
- дар фаъолияти худ талаботи қонунгузорӣ, Оинномa ва Низомномаи Шӯрои нозиронро дастури амал қарор диҳанд;
- уҳдадориҳои вазифаҳои худро ба манфиати Бонк, боинсофона ва оқилона иҷро намоянд;
- дар кори Шӯрои нозирон фаъолона иштирок намуда, барои самаранок анҷом додани ваколатҳои ба зиммаи Шӯрои нозирон вогузоршуда ва иҷрои вазифаҳои он саъю кӯшиш намоянд;
- масъалаҳо ва маводҳои ба муҳокимаи Шӯрои нозирон баровардашударо сари вақт ва бо салоҳият баррасӣ намуда, ба лоиҳаи қарорҳои нисбат ба онҳо пешниҳодгашта овоз диҳанд;
- нигоҳдории маълумоти дорои сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро, ки дар рафти кори Шӯрои нозирон ба онҳо маълум гаштааст, таъмин намоянд;
- аз анҷом додани амалҳо, ки метавонанд барои ба вуҷуд омадани бархурди манфиатҳо мусоидат намоянд, худдорӣ карда, Шӯрои нозиронро оид ба ҳолатҳои ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо фавран огоҳ намоянд;
- маълумоти зарурӣ барои ба қайд гирифтани шахсони ба онҳо вобастаро ба Бонк пешниҳод намоянд;
- сохтори идораи корпоративии Бонк, мақсаду вазифаҳои Шӯрои нозирон, сохтори ташкилии Бонкро донанд, оид ба хавфҳое, ки ба фаъолияти онҳо хос аст тасаввурот дошта, барои баланд бардоштани тахассус дар соҳаи молия, хавфҳо ва идораи корпоративӣ кӯшишу ғайрат намоянд;
- доштани мавқеи дуруст ва асосноки худӣ оид ба ҳар як масъалаи баррасишаванда новобаста аз мавқеи аъзои дигари Шӯрои нозирон, Раёсати Бонк ва ё кормандони Бонк;
- ҳангоми қабули қарорҳо принсипҳои боэҳтиётӣ ва вафодориеро (лояльность), ки тибқи онҳо аъзои Шӯрои нозирон бояд уҳдадориҳои ба зиммаашон вогузоршударо асоснок, бовиҷдонона ва оқилона ба манфияти Бонк ва Саҳмдори ягона иҷро карда, ваколатҳои худро барои манфиатҳои шахсӣ ё манфиати шахси дигар (гурӯҳи шахсон) истифода нанамоянд, дастури амал қарор диҳанд;
- дар маҷлисҳои Шӯрои нозирон ё кумитаҳои дар назди Шӯрои нозирон ташкилшуда иштирок намоянд;
- қоидаҳои идоракунии корпоративиро дар Бонк риоя намоянд ва дар овоздиҳӣ барои қабули қарорҳои Шурои нозирон овози дигар аъзои Шурои нозиронро эҳтиром кунанд;
- Шӯрои нозиронро оид ба ҳолатҳое, ки ба имконияти иштирок дар маҷлисҳои Шӯрои нозирон метавонанд таъсир расонанд (беморӣ, руҳсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ ва ғ.) саривақт огоҳ намоянд ва Шӯрои нозиронро оид ба

ҳолатҳои ба қабули қарорҳои мувофиқ ба принсипҳои боэҳтиётӣ ва вафодорӣ таъсиррасонанда, хабардор созанд;
- иҷрои дигар уҳдадориҳое, ки тибқи қонун ва Оинномаи мазкур пешбинӣ шуданд.

13.3. Аъзои Раёсат ҳуқуқ доранд:
- даъвати маҷлиси Раёсатро талаб намоянд;
- масъалаҳоро ҷиҳати ворид намудан ба рӯзномаи маҷлиси Раёсат пешниҳод намоянд;
- аз рӯи масъалаҳои дар рӯзномаи маҷлиси Раёсат гузошташуда овоз диҳанд;
- ҳама гуна маълумотро, ки ба вазъи молиявии Бонк ва натиҷаҳои фаъолияти он дахл дорад, аз тамоми воҳидҳои сохтории Бонк дастрас намоянд;
- дорои дигар ҳуқуқҳое бошанд, ки бо қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

13.4. Аъзои Раёсат уҳдадоранд:
- талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Низомномаи Раёсат ва дигар санадҳои дохилии Бонкро риоя намоянд;
- манфиати Бонкро ҳимоя карда, вазифаҳои худро пурсамар иҷро намоянд;
- дар маҷлиси Раёсат иштирок намоянд;
- аз амалҳое, ки метавонанд ва ё эҳтимолияти ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳоро байни манфиатҳои аъзои Раёсат ва манфиатҳои Бонк ба миён меоранд, худдорӣ намоянд ва дар ҳолати пайдо шудани чунин бархӯрд - фавран ба Раиси Раёсат ва Шӯрои нозирон хабар диҳанд;
- аз қабули қарору амалҳое, ки боиси халалдор шудани муносибатҳо дар байни кормандон ё расонидани зарар ба манфиати Саҳмдори ягона, кредиторон, муштариён ва дигар пасандозгузорон мегардад, худдорӣ намоянд;
- аз вазифа суиистифода накарда, маълумотҳои хизматиро бар манфиати шахсӣ истифода накунанд;
- маълумотҳои вобаста ба фаъолияти Бонкро махфӣ нигоҳ доранд;
- қарорҳои Саҳмдори ягона, Шӯрои нозирон ва Раёсатро иҷро намоянд;
- қоидаҳои идоракунии корпоративиро дар Бонк риоя намоянд ва дар овоздиҳӣ барои қабули қарорҳои Раёсат овози дигар аъзои Раёсатро эҳтиром кунанд.

13.5. Аъзои Шӯрои нозирон ва Раёсат ҳангоми ба амал баровардани ҳуқуқҳо ва иҷрои уҳдадориҳои худ бояд ба манфиати Бонк, бошуурона ва софдилона рафтор намоянд.

## 14. МАҚОМИ НАЗОРАТКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ ВА ХОҶАГИДОРИИ БОНК - КУМИТАИ АУДИТИ НАЗДИ ШӮРОИ НОЗИРОН ВА ХАДАМОТИ АУДИТИ ДОХИЛӢ

14.1. Бо мақсади назорати фаъолияти молиявию хоҷагидории Бонк, Шӯрои нозирон дар назди худ Кумитаи аудитро дар ҳайати на кам аз 3 (се) нафар аъзо, таъсис медиҳад. Аъзои кумита ва Раиси он аз ҷониби Шӯрои нозирон ба муҳлати 4 (чор) сол интихоб карда мешаванд.
Раиси Шӯрои нозирон, Раиси Раёсат ва ё аъзои Раёсат наметавонанд аъзои Кумитаи аудит бошанд.

14.2. Кумитаи аудит дар назди Шӯрои нозирон амал карда, дорои ваколату уҳдадориҳои зерин мебошад:
- баррасӣ ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;
- додани тавсия барои таъини аудитори берунии Бонк мутобиқи моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", подошпулӣ ва қатъи шартнома бо он;
- баррасии ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии Бонк ва ба Шӯрои нозирон хабар додани ҳар гуна камбудиҳои ошкоршуда то аз ҷониби он маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ;
- талаб кардани ҳисобот аз сардори хадамоти аудит (сараудитор);
- назорати мутобиқати фаъолияти Бонк ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон;
- баррасии ҳисоботи Бонк, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;
- гузориш оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд;
- баррасии амалиёт ва аҳдҳои Бонк дар заминаи нақшаҳое, ки Кумитаи аудит қабул кардааст, мутобиқи дархости Шӯрои нозирон, дархости Саҳмдори ягона;
- ҳар сол на камтар аз як маротиба пешниҳоди ҳисобот ба Саҳмдори ягона оид ба фаъолияти Кумитаи аудит.

14.3. Қарорҳои Кумитаи аудит бо аксарияти овози аъзои иштирокдошта қабул мешаванд. Ҳангоми баробар будани миқдори овозҳо, овози Раиси Кумитаи аудит ҳалкунанда мебошад.

14.4. Мақсаду вазифаҳо, тартиби фаъолият ва қабули қарорҳои Кумитаи аудит дар низомномаи Кумитаи аудит муқаррар карда шуда, он аз тарафи Шурои нозирон тасдиқ карда мешавад.

14.5. Дар Бонк сохтори аудити дохилӣ дар шакли Хадамоти аудити дохилӣ ташкил карда шудааст, ки ба он Сардори хадамот (сараудитор) роҳбарӣ менамояд. Сохтор, ҷадвали мансабҳо (вазифаҳо), андозаи музди меҳнати сардор ва кормандони Хадамоти аудити дохилиро Шӯрои нозирон муайян менамояд. Хадамоти аудити дохилӣ дар асоси Оинномаи мазкур ва низомномаи Хадамоти аудити дохилӣ, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ шудааст, фаъолият карда, ба Шӯрои нозирон тобеъ аст ва ба Кумитаи аудит ва Шӯрои нозирон ҳисоботдиҳанда мебошад.

14.6. Шӯрои нозирон сардори Хадамоти аудити дохилиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намуда, барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани кормандони дигари он розигӣ медиҳад.

14.7. Хадамоти аудити дохилӣ уҳдадориҳои зеринро дорад:
- санҷиш ва баҳодиҳии мутобиқат ва самаранокии низоми назорати дохилӣ;
- санҷиши татбиқи пуррагӣ ва самаранокии тартиби баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳо (барномаҳо, тартибу қоидаҳо ва расмиёти анҷом додани амалиёту қарордодҳои бонкӣ) ва услуби баҳодиҳии хавфҳо;
- санҷиши низоми мақоми иҷроия ва маълумоти молиявӣ, аз он ҷумла системаи ахбори электронӣ ва хизматҳои электронии Бонк;

- санҷиши самаранокии фаъолияти низоми автоматизатсияшудаи (худкори) иттилоотӣ, аз ҷумла назорат ба мукаммалии манбаи маълумот ва ҳифзи он аз дастрасии беиҷозат, мавҷудияти нақшаи амал дар ҳолатҳои ғайричашмдошт;
- санҷиши дурустӣ, пуррагӣ, объективӣ ва саривақтии сабтҳои ҳисобдорӣ, инчунин боэътимодӣ ва саривақт ҷамъоварӣ ва пешниҳод кардани маълумот ва ҳисобот;
- санҷиши дурустӣ, пуррагӣ, объективона ва саривақт пешниҳод шудани дигар маълумот мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;
- санҷиши роҳу услубҳое, ки барои таъмини ҳифзи молу мулк ва нигоҳдории дороиҳои Бонк истифода мешаванд;
- баҳодиҳӣ ба амалиётҳои аз тарафи Бонк гузаронидашаванда ҷиҳати аз нигоҳи иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ ва самаранок будани онҳо;
- санҷиши раванду риояи расмиёти қоидаҳои назорати дохилӣ ва баҳодиҳии самаранокии онҳо дар Бонк;
- санҷиши низомҳое, ки бо мақсади риояи талаботи қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Кодекси ахлоқ ва иҷрои усулу қоидаҳои дигар ташкил шудаанд;
- баҳодиҳӣ ба кори шуъбаи кормандони Бонк (сиёсати кадрии Бонк);
- назорати бартарафкунии камбудиҳои назарраси соҳаи ҳисобдорӣ ё аудити дохилӣ, ки аз тарафи аудиторҳои берунӣ ё дохилӣ ошкор шудаанд;
- назорат ба самарабахшии тадбирҳое, ки Раёсат ва воҳидҳои сохтории Бонк аз рӯи натиҷаи санҷиши аудиторӣ андешидаанд ва ин тадбирҳо камшавии сатҳи хавфҳои ошкоршуда ё ҳуҷҷатӣ кардани қарорҳои қабулкардаи роҳбари воҳид ва ё Раёсати Бонкро дар бораи қобили қабул будани меъёри хавфҳои ошкоршуда таъмин мекунанд;
- гузаронидани санҷишҳо оид ба риоя гардидани сиёсат ва қоидаҳое, ки хавфи бархӯрди манфиатҳоро дар Бонк маҳдуд мекунанд;
- санҷиши низомҳои мураттаби технологияҳои иттилоотӣ оид ба ҳифзи иттилооте, ки ба Бюрои таърихи қарз пешниҳод ва аз он гирифта шудааст ва беосеб нигоҳ доштани иттилооти мазкур;
- дигар масъалаҳое, ки санадҳои меъёри дохилии Бонк пешбинӣ кардаанд.

14.8. Хадамоти аудити дохилӣ бояд иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин намояд:
- гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ (бо супориши Шӯрои нозирон, дархости Раёсати Бонк ва ё бо ташаббуси сардори Хадамот), аз чумла санҷишҳои такрорӣ бо мақсади назорати бартарафкунии қоидавайронкунӣ, хатогӣ ва камбудиҳои дар фаъолияти Бонк ошкоргардида;
- пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон оид ба амалиётҳое (аҳдҳое), ки бо дағалона риоя нагардидани тартибу қоидаҳо ва расмиёти амалкунанда ва берун аз меъёру салоҳияти муқарраршуда иҷро карда шудаанд;
- пешниҳоди тавсияҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии дохилии Бонк, такмил додани тартибу низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;
- пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон, Раёсати Бонк ва сардорони воҳидҳои дахлдори Бонк оид ба қоидавайронкунӣ, хатогӣ ва камбудиҳои ошкоргардида,

шароитҳое, ки ба қаллобӣ, суиистифода аз вазифа ва ғайриқонунӣ азхудкунии дороиҳои Бонк мусоидат намудаанд;

- таснифи хатогиҳо ва камбудиҳои ошкоргардида, мунтазам омода намудани пешниҳоду тавсияҳо (маслиҳатҳо) ҷиҳати дар оянда роҳ надодан ба хатогиҳои монанду такроршаванда;
- гузаронидани мониторинги рафъи қоидавайронкуниҳо, хатогиҳо ва камбудиҳои дар фаъолияти Бонк ошкоршуда, инчунин шароите, ки ба қаллобӣ, суиистифода аз вазифа ва азхудкунии ғайриқонунии дороиҳои Бонк оварда расонидааст;
- ба Кумитаи аудит пешниҳод намудани натиҷаҳои мониторинги чораҳои аз ҷониби Раёсати Бонк анҷомдодашуда бо мақсади рафъи қоидавайронкунӣ, хатогӣ ва камбудиҳои дар фаъолияти Бонк ошкоршуда, инчунин шароите, ки ба қаллобӣ, суиистифода аз вазифа ва азхудкунии ғайриқонунии дороиҳои Бонк оварда расонидааст;
- пешниҳоди ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда ба Кумитаи аудит ва Шӯрои нозирон.

14.9. Тартиби фаъолияти Хадамоти аудити дохилӣ бо Низомномаи Хадамоти аудити дохилӣ муайян карда мешавад.

14.10. Ҳамкории Хадамоти аудити дохилӣ бо сохторҳои Бонк дар асоси принсипҳои мустақилияти ташкилӣ ва вазифавии Хадамоти аудити дохилӣ ба роҳ монда мешавад. Мудохилаи мақомоти иҷроияи Бонк ба фаъолияти Хадамоти аудити дохилӣ манъ аст.

14.11. Сохторҳо ва шахсони масъули Бонк дар ҷараёни ҳамкорӣ бо кормандони Хадамоти аудити дохилӣ вазифадоранд ба иҷрои уҳдадорию вазифаҳои Хадамоти аудити дохилӣ мусоидат намуда, оид ба ҳолатҳои қоидавайронкунӣ, бархӯрди манфиатҳо, суиистифода аз вазифа ва расонидани зарар ба Бонк ба Хадамоти аудити дохилӣ маълумот пешниҳод намоянд.

14.12. Мақсад, вазифаҳо, салоҳият, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзо, тартиби фаъолияти дигар кумитаҳои назди Шӯрои нозирон, аз ҷумла Кумита оид ба кадрҳо ва мукофотҳо, бо низомномаҳои онҳо муқаррар карда мешаванд. Низомномаҳои мазкур аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешаванд.

## 15. ФИЛИАЛҲО, НАМОЯНДАГИҲО ВА ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ ДИГАРИ БОНК

15.1. Бонк ҳуқуқ дорад бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси қарори Шӯрои нозирон филиал ва намояндагиҳо таъсис диҳад. Бонк ва филиалҳои он метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ воҳиди дигари сохторӣ - марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон кушоянд.

15.2. Таъсис додани филиалҳо ва кушодани намояндагиҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории давлати хориҷии маҳалли ҷойгиршавии онҳо анҷом дода мешавад, агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

15.3. Филиалҳо ва намояндагиҳои Бонк дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

15.4. Филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ аз номи Бонк амалиёти алоҳидаи бонкиеро анҷом медиҳанд, ки номгӯи онҳо бо санадҳои меъёри ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва низомномаҳои тасдиқшудаи онҳо муқаррар карда шудаанд.

15.5. Филиал ё намояндагӣ шахси ҳуқуқӣ набуда дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи Шӯрои нозирон ва ваколатномаи аз ҷониби Раиси Раёсат додашуда амал мекунад. Филиал ё намояндагӣ бо молу мулк таъмин мегардад, ки он ҳам дар тавозуни алоҳидаи онҳо ва ҳам дар тавозуни Бонк ба ҳисоб гирифта мешавад. Роҳбари филиал ва намояндагиҳо аз ҷониби Раиси Раёсат бо риояи талаботи қонунгузории амалкунанда ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

15.6. Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории давлати хориҷӣ агар дар шартномаи байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, субъектҳои хоҷагидоро бо иштироки ҳиссаи афзалиятноки худ дар сармояи оинномавии онҳо таъсис дода метавонанд.

15.7. Рӯйхати филиалҳои амалкунандаи Бонк ва нишонии онҳо дар замима ба Оинномаи мазкур оварда шуда, қисми ҷудонашавандаи Оинннома маҳсуб мегардад. Ҳангоми бо тартиби муқарраршуда кушода шудан ва аз қайди давлатӣ гузаштани филиали нав, маълумоти дахлдор оид ба он ба ин руйхат ворид карда мешавад.

## 16. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ БОНК

16.1. Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) Бонк танҳо бо розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон ва қарори Саҳмдори ягона сурат мегирад.

16.2. Барҳамдиҳии Бонк дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” дар шакли барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва ё маҷбурӣ гузаронида мешавад.

## 17. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БО ОИННОМА

17.1. Ворид намудани тағйиру илова ва тасдиқ намудани Оиннома дар таҳрири нав бо қарори Саҳмдори ягона анҷом дода мешавад.

**Замима ба Оинномаи ҶСП «Спитамен Бонк»**

**Бо қарори Саҳмдори ягона**
**Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи**
**«Спитамен Бонк» №12/22**
**аз «07» декабри соли 2022**
**дар таҳрири нав тасдиқ карда шудааст**

**Бо қарори Саҳмдори ягона**
**Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи**
**«Спитамен Бонк» №01/24**
**аз «08» феврали соли 2024**
**тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд**

**Бо қарори Саҳмдори ягона**
**Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи**
**«Спитамен Бонк» №08**
**аз «25» сентябри соли 2023**
**тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд**

**Бо қарори Саҳмдори ягона**
**Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи**
**«Спитамен Бонк» №02/24**
**аз «17» майи соли 2024**
**тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд**

**Рӯйхати филиалҳои амалкунандаи ҶСП «Спитамен Бонк»**

| Рақами тартибии филиал | Номи пурра ва кутоҳкардашудаи филиал | Мавқеи ҷойгиршавӣ (суроға) |
|---|---|---|
| 000 | Саридораи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи Шамсӣ, 4. (Саридораи ҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.Сино, к.Шамсӣ, 4 | Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров 45 |
| 300 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, кучаи Камоли Хучандӣ, 189 "А". (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Хуҷанд, к.К.Хучандӣ, 189 "А") | ш.Хуҷанд, к.К.Хучандӣ, 189"А" |
| 403 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кучаи Сомониён, 16. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Ваҳдат, к.Сомониён, 16) | ш.Ваҳдат, к.Сомониён, 16 |
| 402 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шахри Турсунзода, кучаи С.Айнӣ, 130. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Турсунзода, кучаи С.Айнӣ, 130) | ш.Турсунзода, кучаи С.Айнӣ, 130 |
| 400 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Ҳисор, кучаи Аловиддинов б/р. | ш.Ҳисор, к.Аловиддинов б/р |

| | | |
|---|---|---|
| | (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Ҳисор, к.Аловиддинов б/р) | |
| 301 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Истаравшан, к.И.Сомонӣ б/р.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Истаравшан, к.И.Сомонӣ б/р) | ш.Истаравшан, к.И.Сомонӣ б/р |
| 101 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кучаи Н.Қарабоев, 118.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.Фирдавсӣ, к.Н.Қарабоев, 118) | ш.Душанбе, н.Фирдавсӣ, к.Н.Қарабоев, 118 |
| 103 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кучаи Айнӣ, 34.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.Шоҳмансур, к.Айнӣ, 34) | ш.Душанбе, н.Шоҳмансур, к.Айнӣ, 34 |
| 102 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи Н.Махсум, 72/1.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.Сино к.Н.Махсум, 72/1) | ш.Душанбе, н.Сино к.Н.Махсум, 72/1 |
| 230 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Фархор, кучаи Рӯдакӣ, 22.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Фархор, к.Рӯдакӣ, 22) | н.Фархор, к.Рӯдакӣ, 22 |
| 220 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Ёвон, ҷ/ш. Ёвон, кучаи А.Ҷомӣ б/р.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Ёвон, ҷ/ш. Ёвон, к.А.Ҷомӣ б/р) | н.Ёвон, ҷ/ш. Ёвон, к.А.Ҷомӣ б/р |
| 302 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 140.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Панҷакент, х.Рӯдакӣ 140) | ш.Панҷакент, х.Рӯдакӣ 140 |
| 210 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Данғара, кучаи Зебуниссо, 1.<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Данғара, к.Зебуниссо, 1) | н.Данғара, к.Зебуниссо, 1 |
| 250 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ, кучаи А.Берунӣ, 24. | н.Ҷайҳун, ҷ/ш.Дӯстӣ, к.А.Берунӣ, 24 |

| | | |
|---|---|---|
| | (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Ҷайҳун, ҷ/ш.Дӯстӣ, к.А.Берунӣ, 24) | |
| 207 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус, кучаи И.Сомонӣ, 40. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Шаҳритус, к.И.Сомонӣ, 40) | н.Шаҳритус, к.И.Сомонӣ, 40 |
| 310 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Исфара, кучаи Марказӣ, 17. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Исфара, к.Марказӣ, 17) | ш.Исфара, к.Марказӣ, 17 |
| 200 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Бохтар, кучаи Борбад, 6. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Бохтар, к.Борбад, 6) | ш.Бохтар, к.Борбад, 6 |
| 114 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, хиёбони И.Сомонӣ, 3/2. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.И.Сомонӣ, х.И.Сомонӣ, 3/2) | ш.Душанбе, н.И.Сомонӣ, х.И.Сомонӣ, 3/2 |
| 100 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Душанбе, нохияи И.Сомонӣ, хиёбони Рудакӣ, 70. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.И.Сомонӣ, х.Рудакӣ, 70) | ш.Душанбе, н.И.Сомонӣ, х.Рудакӣ, 70 |
| 270 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Кулоб, кучаи Х.Назаров б/р. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Кулоб, к.Х.Назаров б/р) | ш.Кулоб, к.Х.Назаров б/р |
| 204 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, кучаи С.Айнӣ, 14. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Ҷ.Балхӣ, к.С.Айнӣ, 14) | н.Ҷ.Балхӣ, к.С.Айнӣ, 14 |
| 307 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар шаҳри Конибодом, кучаи Б.Мансуров, 26. (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Конибодом, к.Б.Мансуров, 26) | ш.Конибодом, к.Б.Мансуров, 26 |
| 405 | Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, кучаи И.Сомонӣ, 12. | н.Шаҳринав, к.И.Сомонӣ, 12 |

| | | |
|---|---|---|
| | (ФҶСП "Спитамен Бонк" дар н.Шаҳринав, к.И.Сомонӣ, 12) | |
| 107 | **Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк" воқеъ дар ш.Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, деҳаи Сомон, 100.**<br>(ФҶСП "Спитамен Бонк" дар ш.Душанбе, н.Фирдавсӣ, д.Сомон, 100) | ш.Душанбе, н.Фирдавсӣ, д.Сомон, 100 |